**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014**

---

## ФАЛСАФА

**УДК:** 297

**АБДУЛҲАЕВ К.** [1]

# ЗАРУРАТ ВА МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар мақолаи хеш маҳз моҳияти таълими диниро мавриди таваҷҷуҳи асосӣ қарор додаст. Дар ин самт, ӯ ақида ва таълимоти баъзе донишмандони дини ҳам асрҳои миёна ва ҳам муосирро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки таълимоти динии исломӣ то ҳол дар сатҳи асримиёнагӣ қарор дорад ва дар он ҳеҷ як тамоюли пешрафт ба мушоҳида намерасад. Бо назардошти суръати баланди рушди улуми дунявӣ, талаботи ҷомеа ба он, сатҳи кунунии психологияи динии ҷавонон ва ҳамзамон оқибатҳои манфии таълими динӣ дар ҷаҳони имрӯза муаллиф таълими динии ҷавононро дар шароити кунунӣ орӣ аз ҳар гуна зарурат ҳисоб намудааст.

**Вожаҳои калидӣ**:дин, илм, имон, маърифат, улуми динӣ, зарурат, рушд.

Дар ҳолате, ки имрӯз дар ҷумҳурии кӯчаку тозаистиқлоли мо рушди шуури сиёсию ҳуқуқии ҷавонон беш аз пеш зарурат пайдо карда истодааст, ҳамзамон муҳаққиқоне пайдо шудаанд, ки зарурати улуми диниро таъкид сохта, онро ба масъалаи умдаи ҷомеа мубаддал сохтаниянд. Чун ба равандҳои маърифатии ҷаҳони имрӯза нек назар андозем, дармеёбем, ки дар ҳолати кунунии маърифати ҷавонони мо рушди улуми динӣ орӣ аз ҳар гуна зарурат ва ниёз ба назар мерасад.

Барои воқеъбинона асоснок намудани масъалаи зикршуда зарур мегардад, ки пеш аз ҳама ба чунин мафҳумҳои калидӣ, чун илм ва дин равшанӣ андохта шавад. Сониян, аз моҳият ва таносуби байниҳамдигарии онҳо зарурати рушди улуми динӣ ва ё адами ин зарурат муайян карда шавад. Лек дар ин раванд мо набояд проблемаҳои зерини ҷомеаро аз мадди назар дур сохта бошем:зарурати аввалиндараҷаи рушд бахшидани улуме, ки ба пешрафти иқтисодиёти қафомондаи ҷомеаи мо мусоидат менамояд; зарурати баланд бардоштани шуури сиёсии ҷавонон, ки барои ваҳдати миллию сиёсии ҷомеа ҳатмӣ мебошад; ба ҳисоб гирифтани сатҳи маърифат ва психологияи динии аҳли ҷомеа. Пеш аз андеша рондан дар хусуси зарурати рушди улуми динӣ, ба андешаи мо, бояд омилҳои фавқуззикр ҳатман ба инобат гирифта шаванд, зеро аксари ҷавонони мо, чуноне ки таҷриба аллакай собит намуд, аввалан, чун ҳукми тақлид (яъне, бемақсаду дурнамо пайравӣ намудани ҳамсолон ва ё рафиқони хеш) ба таҳсили динӣ мепардозанд. Сониян, дар натиҷаи чунин амали кӯр-кӯрона онҳо метавонанд пойбанди ҳар гуна равияю фирқа ва ё гурӯҳҳои ифротии илман беасосу амалан зиёновар гарданд ва

---

[1] **Адрес для кореспонденции:** Абдулхаев Каромат-кандидат философских наук, доцент кафедры общественных дисциплин ТГМУ имени Абуали ибн Сино, 734043 Республика Тадикистан, г. Душанбе, ул. Федина 68/35. Тел. 951-98-67-14.

ҳамин тавр, ҳам барои худ ва ҳам барои оияндаи ҷомеа бори гарон буда, ба пешрафти ҳаматарафаи ҷомеа таъсири манфӣ расонанд.

Аз ин рӯ, дар доираи мавзӯи мазкур мо тасмим гирифтем, ки моҳият ва мундариҷаи ин мафҳумҳо (дин ва илм)-ро шарҳ дода, вазифаҳои ҷамъиятии онҳоро бори дигар таъкид созем ва собит намоем, ки дар ҳолати дар ҷои худ амал намудани ин падидаҳои мухталиф ҳам ҳар фарди ҷомеа дар алоҳидагӣ ва ҳам тамоми ҷомеа ба таври куллӣ аз манфиат бештар бархурдор хоҳанд гардид.

Аввалин суоле, ки дар ин ҳолат пеши назар меояд, кушодани моҳияти дин аст. Дар оғоз бояд ёдовар шуд, ки дар Қуръон дар сураи «Оли Имрон», ояи 19 дин ҳамчун итоат, таслим, сар фаровардан муаррифӣ гардидааст. Гузашта аз ин, таърифи машҳури Ф. Энгельс, ки динро ҳамчун инъикоси фантастикии қувваҳои заминӣ арзёбӣ менамояд, аз мадди назар дур наандохта, ба хотири баҳои ҳаматарафаю амиқ ва ҳамзамон риояи принсипи плюрализми афкор ба таърифи он инчунин аз нигоҳи дигар мутафаккирони бузурги инсоният таваҷҷӯҳ менамоем. Файласуфи бузурги олмонӣ Г. В. Ф. Гегел динро ҳамчун он соҳаи шуури инсонӣ зикр менамояд, ки дар он тамоми муаммоҳои заминӣ ҳалли худро ёфтаанд, тамоми тазодҳои амиқ бартараф шудаанд, ва ҳамзамон тамоми дардҳои ҳис ором гардидаанд (3, 205). Таърифи мазкур таърифи машҳури К. Марксро, ки қобилияти тасаллобахшии динро таъкид сохта, онро «нафаси махлуқи мазлум, дили дунёи бедил» (5, 414-415) арзёбӣ менамояд, ба ёд меорад. Ин ҷо бояд зикр сохт, ки ҳар ду таъриф ғайр аз таъкиди вазифаи тасаллобахшии дин боз ҳатмӣ будани эътиқодро аз рӯи моҳият ва асли хеш дар назар доранд то ин тасалло сурат гирад. Тибқи андешаи файласуфи машҳури марксист Г. В. Плеханов дин системаи нисбатан устувори тасаввуротҳо, кайфиятҳо ва амалиётҳо мебошад. Дар ин система тасаввуротҳо унсури мифологии динро ташкил медиҳанд, кайфиятҳо ба соҳаи эҳсоси динӣ ва амалиётҳо ба соҳаи парастиши динӣ мутааллиқ мебошанд (11, 330). Бояд таъкид сохт, ки се унсуре, ки Г. В. Плеханов зикр намудааст, дар тамоми динҳо-аз динҳои ибтидоӣ сар карда то ба динҳои комили ҷаҳонӣ-ба мушоҳида мерасад. Диншиноси маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ, асосгузори назарияи анимистӣ Э. Б. Тайлор андеша дорад, ки барои таърифи ҳадди ақалли дин эътиқод ба мавҷудоти рӯҳӣ ба мақсад мувофиқтар мебошад (9, 210). Агар мо мундариҷаи ҳамаи таърифҳои овардашударо дар якҷоягӣ ба таври умум ҷамбаст намоем, ба зудӣ дармеёбем, ки дин танҳо эътиқод ба вуҷӯди фавқуттабиа асту тавассути ҳамин эътиқод аҳлоқ бояд дар байни афроди ҷомеа таъмин гардад. Дар воқеъ агар ба мундариҷаи асосии таълимоти динҳои гузаштаю ҳатто имрӯзаи ҷаҳонӣ назар афканем, дар онҳо ба ҷуз талаби ибодати вуҷуди фавқуттабиа ва риояи аҳкоми ахлоқии ӯ чизи дигаре ёфтан душвор мегардад. Ва агар мундариҷаи китоби муқаддаси мусулмонон-Қуръонро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем, такрор ба такрор ифодаи «Аллазина ომану ва амилуссолиҳоти» (Онҳое, ки имон оварданд ва амалҳои солеҳ намуданд)-ро дучор мешавем. Аммо дар ягон ҷо ба ишорае дар хусуси илм ва ё сиёсат будани дин дучор намегардем. Албатта, дар Қуръон мо ба иборахои зиёде, ба мисли «Оё андеша намекунед?», «Оё тааққул намекунед?», «Оё онҳое, ки медонанд ва онҳое, ки намедонанд, баробаранд?», «Соҳибони хирад» ва ғ. вомехӯрем, аммо моҳиятан онҳо барои нишон додани қудрати бепоёни худованд, барои дарки олами пурасрори табиат ҳамчун офаридаи худо (Инна фи халқиссамовоти вал арзи вахтилофиллайли ван наҳори лаоётил

лиулил албоб аллазина язкуруналлоҳо қиёмав ва қуудав ва ала ҷунубиҳим ва ятафаккаруна фи халқиссамовоти валарзи-Ҳар оина дар офариниши замину осмон ва ихтилофи шабу рӯз нишонаҳоест барои соҳибони хирад, онҳое, ки Аллоҳро дар ҳолати росто, нишаст ва паҳлӯ зикр мекунанд ва дар офариниши замину осмон андеша меронанд) ишорат менамояд ва аслан тавассути омӯзиши асрори табиат имон овардан ба зоту сифоту аъмоли худоро ҳатмӣ меҳисобад. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо, вақте ҳукми аҳодисе, чун « Аз гаҳвора то гӯр талаби илм намо!» ё «Талаби илм бар ҳар зану марди мусулмон фарз аст» ва амсоли онҳо пеши назар меоянд, бевосита дониш дар бораи олами моддии шахсро фаро гирифта ҳамчун зинаи ибтидоии имон ба қудрати беҳамтои илоҳӣ бояд дар назар гирифта шавад. Ҳамин маънӣ дар китоби Алломаи Шарқ Муҳаммад Иқбол «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» ба таври зер баён ёфтааст: «Ҳақиқат ин аст, ки ҳар ҷустуҷӯи маърифатӣ асосан навъе аз ниёиш аст. Он ки олимона ба мушоҳидаи табиат мепардозад, ҳамчун сӯфие аст, ки дар ниёиш хостори даст ёфтан ба ҳақиқат аст». Зинаи дуюми имон ё эътиқод бояд имон ба нодида ё ғайб (аллазина юъминуна билғайби) чун асрори илоҳӣ дар умқи қалби имондор бояд қарор гирифта бошад.

Чун моҳияти дин ҳамчун эътиқод ба вуҷуди фавқуттабиа ва таслим назди аҳкоми ӯ то андозае рӯшан гардид, зарурат пайдо мегардад, ки моҳияти илм низ рӯшан гардад. Илм чунин раванди фаъолияти маънавии инсон аст, ки аслан ба омӯзиши табиат, ҷамъият ва худи раванди маърифат равона шудааст, ва мақсад аз он дарёфти ҳақиқат дар олами пурасрори табиату ҷамъият ва муаяйн намудани тамоюлҳои асосии рушди онҳо мебошад. Таъкид намудан ба маврид аст, ки ғайр аз истифодаи мақулаҳои илмию қонунҳои равобити куллиро инъикоскунанда боз татбиқи усулҳои: 1) айниятнокӣ (объективнокӣ), 2) исботшавандагӣ, 3) ақлонӣ, 4) системанокӣ 5) санҷидашавандагӣ тавассути мушоҳида ҷавҳари меъёри илмиятро ташкил менамоянд. Дар илм барои дарёфти ҳақиқат фарзияҳои зиёде пешниҳод мегарданд, аммо ҳақиқати воқеӣ танҳо тавассути таҷриба, яъне дар амалия санҷида шудани фарзия ба даст оварда мешавад. Чунин талабот нисбат ба дин вуҷуд надорад. Дар дин ҳақиқат аллакай дар шакли як таълимоти том ва яклухт (дар динҳои ба камол расида) аз тарафи вуҷуди фавқуттабиа, яъне Худо ирсол гардидааст ва он дигарбора набояд мавриди ташхис ё санҷиш қарор гирад. Шахси имондор ба он ҳақиқат чуноне ки дар сураи «Бақара», ояи 3 таъкид шудааст, яъне «ба нодида» бояд имон биёрад.

Аз ин нуқтаи назар агар мо улуми исломиро мавриди омӯзиш қарор диҳем, хамаи онҳоро ба таври нисбӣ метавон ба ду навъ тақсим намуд: яке фиқҳӣ, дигаре ақидатӣ.

Пеш аз ҳама бояд хотиррасон сохт, ки хусусияти асосии дин ҳамчун эътиқод ба вуҷуди фавқуттабиа ва аҳкоми тағйирнаёбандаи ӯ, ба қавли дигар хосияти догматики дин инъикоси худро то андозае дар улуми динӣ низ зоҳир месозад. Агар андешаи мазкурро сареҳтар баён созем, бояд иқрор намоем, ки қудсияти дин маҳз дар дастнорас будани баъзе аз аҳкоми динӣ барои хиради инсонӣ ва асрори худовандӣ шинохта шудани онҳо ифода меёбад. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати рушду нумӯи улуми диниро то андозае беаҳамият месозад. Зеро рушди улуми динӣ имкон дорад, ки ба ҷои нафъ овардан ба ҷомеа ва махсусун ба сатҳи имони муъмин нукс ворид созад. Яъне, вай метавонад ба решаи имони мардум зарба зада, онро заиф созад ва динро ки аслаш эътиқод аст, аз асли хеш дур созад. Маҳз ҳамин хусусият, ба андешаи мо, имкон

намедиҳад, ки улуми динӣ дар ҳолати рушди доимӣ ва пайваста қарор дошта бошад. Эҳтимол маҳз ҳамин омилро Ғаззолӣ ба инобат гирифта, дар «Мухтасари иҳёи улуми дин» дар фасли «Дар улуми писандида» илмро ба улуме, ки фарзи айн аст ва улуме, ки фарзи кифоя аст, тақсим намуда бошад. Ғаззолӣ дар фасли мазкур баъд аз овардани аҳодиси «Талаби илм бар ҳар мусулмон фарз аст» ва «Илмро агар дар Чин ҳам бошад, талаб намо!» дар хусуси улуме, ки фарзи айн аст, менависад: «Ва он илм ва огоҳӣ, ки баъд аз булуғ ва мусулмон шудани шахс бар ӯ воҷиб аст, ин аст, ки омӯхтани ду калимаи шаҳодат ва фаҳми маънии онҳост ва он гуфтани «ло илоҳа иллаллоҳу ва Муҳаммадун расулуллоҳи» мебошад ва кашф ва баёни он аз роҳи баҳс ва таттабӯъ ва таҳрири далоил бар ҳар фарде воҷиб нест, балки кофӣ аст бад-он эътиқоди росих ва яқини комил дошта бошад ва ҳеҷ гуна шак ва тардиде дар он надошта бошад, зеро ки паёмбари акрам барои мусулмон шудани арабҳои бесавод ва сабуксар ба тасдиқ ва иқрори онон иктифо мекард» (4, 24-25). Ғаззолӣ доир ба мавзӯи мазкур боз навиштааст: «…Агар фарде дар муътақидоташ шак ва тардиде ба хотираш хутур кард, бар ӯ воҷиб аст дар омӯхтани мӯътақидоти худ бештар талош кунад ва то он андоза, ки шак ва тардидаш бартараф мегардад ба мутолиа ва нигариши дақиқ бипардозад ва лозим аст он илм ва огоҳӣ, ки ӯро аз мӯҳлакот наҷот медиҳад ва ба дараҷоти олӣ ва эътиқодоти росих ва собити исломи мерасонад, биёмӯзад ва таҳсили ин гуна улум ва огоҳиҳо воҷиби айн мебошад» (4, 25).

Шояд ин ҷо саволе пайдо гардад, ки ғайр аз омили зикр шуда боз ягон иллати дигаре низ вуҷуд дорад, ки зарурати рушди улуми диниро дар ҷомеаи дунявии мо орӣ аз маънӣ ва манфиат нишон диҳад. Ба хотири посух ба суоли мазкур ба чунин далел ҷалб намудани таваҷҷӯҳи хонандаро зарур меҳисобам. Дар яке аз китобҳои таълими фиқҳии имрӯза «Мухтасар-ул-виқоя» дар хусуси қариб 50 китоб (аксаран масоили иҷтимоӣ) андешаи фақеҳон иброз гардида, роҳҳои ҳалли он масоил нишон дода шудааст. Китобҳои таълимии дигари фиқҳӣ низ аслан дар бораи ҳамин масоил баҳс менамоянд, аммо танҳо каме васеътару амиқтар. Мутаассифона тахминан 90 дар сади он масоил ё ҳатто шояд зиёдтар аз он дар танзими муносибатҳои иҷтимоии имрӯзаи мо қариб ҳеҷ нақше намебозанд. Зеро онҳо он муносибатҳои иҷтимоиеро инъикос менамоянд, ки хоси асрҳои миёна ҳастанд. Ҳамин матлабро аллома Муҳаммад Иқбол дар китоби худ «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» бисёр равшан баён кардааст: «Сарнавишти ағлаби кишварҳои исломӣ имрӯз чунин аст: Ба сурате мошинӣ аврзишҳои кӯҳнаро такрор мекунад, дар сурате ки миллати турк дар хати он афтодааст, ки арзишҳои нав эҷод кунад…Суоле, ки имрӯз Туркия бо он рӯ ба рӯ аст ва мӯҳтамалан кишварҳои мусулмонии дигар низ дарояндаи наздик ба он рӯ ба рӯ хоҳанд шуд, ин аст, ки оё фиқҳи исломӣ қобили таҳаввул ҳаст ё на ва албатта, посух гуфтан ба чунин суоле мусталзими кӯшиши ақлии азим аст ва бидуни шак ба он ҷавоби мусбат дода хоҳад шуд» (7, 211). Сонияи, аз тарафи уламои динии имрӯзаи кишвар низ китоби фиқҳие, ки дархӯрди муносибатҳои иҷтимоии имрӯзаи мо бошад, мутаассифона таълиф нашудааст. Аммо мутафаккир дар ҷодаи амалӣ намудани рӯҳи озодигарӣ саддеро мушоҳида менамояд, ки садди мазкур на танҳо дар замони Иқбол, балки дар замони имрӯза низ комилан чашмрас мебошад. Садди мазкурро Иқбол ба таври зер таъбир намудааст: «Вале ҳанафиёни ҷадид бар хилофи рӯҳи ин мазҳаб тафсиру таъбирҳои муассиси ин мазҳаб ва пайравони билофасли ӯро ҷанбаи абадият бахшида ва ҳамон ранги субботу абадиятеро, ки мухолифони

Абӯҳанифа ба фатовии баёншудаи дар ҳолоти айнии хос медоданд, инон низ ба фатовииАбӯҳанифа ва пайравони вай додаанд» (7, 228-229). Бояд зикр сохт, ки андешаҳои Иқбол дар оғози қарни 20 баён гардидаанд. Баъд аз он як қарни комил сипарӣ гардид. Дар ҷодаи мазкур ҳеҷ тағйироте сурат нагирифтааст ва дар оянда ҳам нахоҳад гирифт. Зеро худи ҳамон масоили фиқҳиро, ки мақсад аз он танзими муносибатҳо иҷтимоӣ дар ҷомеа аст, сарқонуни ҳар давлат бо иштироки аксарияти мардум танҳо дар шакли каме сабуктар ва бо ба ҳисоб гирифтани авзои ҷадиди ҷомеа амалӣ намуда истодааст. Гузашта аз ин, хушбахтона имрӯз Қуръон ва аҳодиси набавӣ ба забони тоҷикӣ дастраси аҳли умум гардидааст, ки дар ҳолати зарурӣ ҳар кас метавонад доир ба масъалаи пайдо гардида аз онҳо огоҳӣ пайдо намояд. Ва ахиран чун мо дар ҷомеаи дунявӣ, ҷомеае, ки муносибатҳои иҷтимоии одамон дар асоси манофеи индунёии онҳо ба танзим даровarda мешавад, умр ба сар мебарем, зарурати зикршуда худ ба худ аз байн меравад.

Ҷои шубҳае нест, ки маҳз ба ҳамин сабаб, яъне асли динро ташкил додани маҳз эътиқод Ғаззолӣ маҳдуд сохтану дурӣ ҷустан аз муҳокимаронихои амиқро барои баъзе аз масоили динӣ зарур мешуморад. Масалан, ӯ дар «Китоб-ул-арбаин»-и хеш дар фасли махсус доир ба қазову қадар баҳс намуда, ҳар ду равияи асосиеро, ки дар таърихи афкори исломӣ доир ба масъалаи мазкур пайдо гардида буданд, яъне қадария ва ҷабарияро мавриди танқид қарор додааст. Ғаззолӣ ҳар дуи ин равияро дар як фаҳмиши таълимоташон ҳукм ба аҳли бидъат ва дар фаҳмиши дигар ҳукм ба куфр намудааст (6, 28-29).

Умар Сулайман ал-Ашкар низ ба масъалаи фавқуззикр дахл намуда, бо номи «ал-Қазо ва-л-қадар» китобе таълиф намудааст, ки соли 2008 дар тарҷимаи Э. Р. Кулиев ба забони русӣ аз чоп баромада аст. Бояд гуфт, ки китоб қариб аз аввал то охир дар рӯҳияи ҳақ шуморидани тақдир таълиф гардидааст. Муаллиф танҳо дар ҳаҷми як саҳифа бо сарлавҳаи «Инкори озодии интихоб дар бораи нарасидани ақл шаҳодат медиҳад» андешаҳои хешро дар хусуси «озодии интихоб» бо суханони зер оғоз намудааст: «Одамоне, ки озодии интихобро инкор менамоянд, аз ақл маҳруманд. Онҳо гумроҳ шуда, дигаронро низ гумроҳ месозанд» (10, 83). Муаллифи зикршуда дар ҷои дигари китоби худ боз навиштааст: «Аммо бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки шахс на бояд ба қувваю талошҳои хеш такя намояд ва ба сабабҳо умед бандад. Вай бояд танҳо ба Офаридгоре, ки ин сабабҳоро эҷод намудааст, умед бандад» (10, 87). Чуноне ки аз таҳлили ду ақидаи олим бармеояд, ӯ ба масъалаи ақидавии ислом даст зада, ахиран худ худро инкор намудааст, ки ин низ далели равшани адами зарурат ба улуми динист.

Ба ҳамагон маълум аст, ки аллакай худи паёмбар ҳама гуна ковишу баҳсро дар атрофи яке аз масъалаҳои марказии ақидатӣ- қазову қадар манъ сохта буд. Сониян, асосгузори мазҳаби моликия Анас ибни Молик дар атрофи яке аз гуфтаҳои Худованд дар Қуръон «истиво ба Арш» гуфта буд, ки нишасти Худо бар он ҳақ аст, аммо пурсидан дар ин хусус бидъат аст. Яъне ақл ҳақиқати мазкурро бебаҳс қабул намуда, аз фикрронии минбаъда дар самт бояд боздошта шавад.

Инчунин, Имом Абулҳасани Ашъарӣ дар китоби хеш «Ал-ибона ан усули-д-диёна» дар атрофи масоили гуногуни ақидавӣ бо аҳли муътазила баҳс намуда, бо далоили зиёде аз мавқеи хеш дифоъ намудааст. Яке аз масоили баҳси эшон дида шудани Худованд аз тарафи муъминон аст. Ашъарӣ бар дида

шудани Худованд аз тарафи муъминон дар он дунё қоил буда, ояи «Вуҷуҳуй-явмаизин нозиратун ила раббиҳо нозиратун» (2, 12-19)-ро чун яке аз далелҳо зикр сохтааст. Ӯ зимни шарҳи ояи мазкур ақидаи аҳли муътазиларо дар хусуси он ки Худованд дар гуфтаи худ «ила раббиҳо нозиратун» маънии «интизор»-ро дар назар дорад, рад намуда, боисрор таъкид месозад, ки Худованд дар ин ифода маҳз «дидан»-ро дар назар дорад. Бояд таъкид сохт, Ашъарӣ аз ин ифода маъниҳои «эътибор» ва «тааттуф»-ро низ қабул надорад. Яке аз далоили ӯ ҳамин аст, ки дар қавли баёншуда калимаи «ваҷҳ» ҳамчун ифодакунандаи биниши чашмҳо ва пешоянди «ила» ҳамчун ифодакунандаи «сӯй» истифода шудааст. Қобили тазаккур аст, ки андешаи мазкури Ашъарӣ баҳсталаб мебошад, зеро Худованд худ мегӯяд, ки «Фа айнамо таваллув фасамма ваҷҳу-л-лоҳи», ба ҳар куҷое, ки рӯ оварӣ, ҳамон ҷост рӯи Худо. Аз ин нуқтаи назар, баҳси мазкур ба ҳеҷ ваҷх ба охир расида маҳсуб намегардад. Ашъарӣ дар баҳси хеш атрофи масъалаи зикршуда, яъне дидани худованд ба чашм боз қавли худи Ӯ-ро ба Мусо «фаин-н-астақарра маконаҳу фа савфа таронӣ», қавли дигари Ӯ-ро дар хусуси кофирон «Иннаҳум ан раббиҳим явмаизин ламаҳҷубун», ва «Ло тудрикуҳу-л-абсору» (ба ақидаи Ашъарӣ абсори кофирон)-родалел овардааст.

Инчунин дар мавзӯи мавриди баҳси мо далоили дигари Ашъариро метавон зикр сохт: Ҳадиси расули худо «Парвардигори худро мебинед чуноне ки моҳро дар шаби Бадр мебинед. Дар ин биниш ҳеҷ зараре эҳсос намекунед».

Далели дигар: Ҳар мавҷуде, ки ҳаст, ҷоиз аст, Аллоҳ онро ба мо нишон диҳад. Ҷоиз нест, ки маъдумро нишон диҳад. Чун Аллоҳ мавҷуди собитшуда аст, номумкин аст, ки худро нишон надиҳад.

Далели дигар: Аллоҳ ашёро мебинад. Чун Ӯ ашёро бинанда аст, пас намебинад ашёро оне ки худро намебинад. Пас, чун худро низ бинанда аст, пас ҷоиз аст, ки худро нишон диҳад. Ва ин мисли он аст, ки оне, ки худро намедонад, чизеро намедонад. Вақте ки Ӯ доно ба ашёст, доно ба худ низ ҳаст. Аз ин сабаб оне ки худро намебинад, ашёро намебинад. Вақте ки Ӯ бинандаи ашёст, бинандаи худ низ ҳаст. Чун Ӯ бинандаи худ ҳаст, ҷоиз аст, худро нишон диҳад. Мисли он ки вақте Ӯ доно, олим ба нафси хеш аст, ҷоиз аст, худро ба мо дононад.

Далели дигар: Мусулонон бар он муттафиқанд, ки дар ҷаннат айшу неъматест, ки на гӯше шунидаву на чашме дида. Ва дар ҷаннат аз дидани Худованд ба чашмон дида, неъмате нест. Дидани набӣ афзалтарини лаззоти ҷаннат ба ҳисоб меравад. Дидани Худованд аз дидани набӣ низ афзалтар ба ҳисоб меравад. Ин тавр бошад, пас Аллоҳ анбиёи мурсалинро, малоики муқарраби худро ва ҷамоаи муъминин ва садиқинро аз назар ба рӯи Ӯ маҳрум насохтааст.

Имом Ашъарӣ зимни рад сохтани мавқеи ахли муътазила дар хусуси руъяти худованд зикр месозад, ки ахли муътазила дар хусуси дида нашудани Худованд кавли Худовандро «Ло тудрикуху- л- абсору ва хува юдрику- л-абсора»-ро ҳуҷҷат овардаанд. Ба ақидаи онҳо чун худованд қавли худ «ва хува юдрику л абсора»-ро ба қавли «ло тудрикуху л абсору» атф намудааст, ва қавли «ва хува юдрикул абсора» ба таври умум гуфта шудааст, яъне онҳоро дарк мекунад ҳам дар дунё ва ҳам дар охират, пас кавли ло тудрикуху л абсору, ки низ ба таври умум гуфта шудааст, далели он аст, ки ӯро абсор на дар дунё ва ва на дар охират намебинад. Ашъарӣ ба ахли муътазила дар ин хусус чавоб гуфта, зикр сохтааст, ки чун кавлхо ба таври умум гуфта шудааст,

пас абсор ҳам абсори чашм ва ҳам абсори қулуб мебошад. Зеро Худованд гуфтааст: ҳар оина вай абсорро кӯр намекунад, балки дилҳоро, ки дар сина аст, кӯр мекунад. Инҷо абсори қулуб дар назар аст ва ин хамонест, ки муъминон кофиронро дар назар доранд. Аҳли илм мегӯянд: фалон ба саноаташ биност ва биниши илмро дар назар доранд. Вай мегӯяд: Ӯро бо дил дидам, мисли он ки мегӯяд: онро бо чашм дидам. Пас басар басари чашмҳо ва басари дилҳо будааст. Пас бар мо воҷиб мегардад, ки чун қавлхо умумиянду маътуф шудаанд, бо далели эшон воҷиб мегардад, ки худованд на бо абсор ва на боабсори дилҳо дарк намешавад. Ин тавр бошад, пас кавли «ло тудрикухк л абсору» аз қавли «ва хува юдрику-л абсора) хостар аст ва ҳуҷҷати эшон ботил мегардад.

Бояд зикр сохт, ки чуноне ки аз раванди андешаҳо метавон хулосагирӣ намуд, баҳси мазкурро ба ҳеҷ ваҷҳ ба анҷом расида наметавон ҳисобид. Дар атрофии он метавон баҳсро идома дод.

Вақте ки андешаҳои муаллифони гуногунро ба ҳам муқоиса менамоем, дармеёбем, ки байни онҳо фарқияти куллӣ ба мушоҳида намерасад. Зеро ҳамаи онҳо ба як сарчашма (Қуръону аҳодис) такя менамоянд. Аз ин рӯ, чуноне ки дар мавриди баррасии масоли фиқҳӣ баён гардид, ягон сабаб ё ҳолат, тарз ва ҳатто зарурати мубаддал сохтани донишҳои ақидатии динӣ ба илми махсус ва тадриҷан такмили онҳо вуҷуд надорад. Зеро, авалан, чуноне ки Ғаззолӣ зикр намудааст, ҷустуҷӯҳои амиқ дар улуми ақидатӣ сабабгори пайдоиши шак мегардад, сониян, сабабгори пайдоиши фирқа ё равияхои гуногун гардида рахна дар ваҳдати динӣ эҷод месозад. Солисан, сабабгори ташаккули шахсияти нав дар соҳибилм мегардад, яъне дар соҳибилми нав ба ҳам омехта гардидани сифатҳои индивидуалию сифаҳои шахсии баъд аз омӯзиши илм пайдо шуда ба мушоҳида мерасад. Дар натиҷа шахсияти нави пайдо гардида амри « холисан лиллоҳ»--ро ба олами фаромӯшӣ супорида дар хеш дар ташаккули шахсияти нав, «Ман»-и нав оғоз мебахшад. Ҳамин тариқ соҳибилми нав кӯшиш менамояд, ки тавассути «илм»-и ба даст овардаи хеш, чуноне ки имрӯз аксаран ба мушоҳида мерасад, мақоми нав дар ҷомеа касб намояд. Ва ӯ ин «илм»-и хешро махсусан, дар замони ҳозира ба воситаи пешбурди зиндагӣ, бахри қонеъ сохтани ҳавою ҳаваси индунёии худ истифода мебарад. Қобили зикр аст, ки маҳз ҳамин мақсаду маром дар ҳадиси зерини расулуллоҳ (с.) бисёр равшану возеҳ баён ёфтааст: «Ман издода илман ва ламяздад ҳудан, лам яздад миналлоҳи илло буъдан», яъне шахсе бар илми худ афзуду, лек ҳидояташ беш нагардид, ӯ танҳо бар дурии худ аз худо афзудаасту халос. Ҳақиқати гуфтаҳои фавқуззикрро чанд аъмоли номашруё, ки вақтҳои ахир аз тарафи баъзе «уламо»-и дин дар ҷомеа сурат гирифтанду мавриди маломати аҳли ҷомеа гардиданд, собит месозанд, ки ин бешак далели навбатиест бар адами зарурат ба рушди улуми динӣ.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳқиқи тӯлонӣ чун бихоҳем, ки андешаи хешро дар бораи асли дину асли илм ҷамъбаст бинмоем, ба хулосаи зер хоҳем расид:
Агар асли илм чун инъикоси ҳақиқати бо воқеият мутобиқати комил дошта маҳсули раванди дуру дарози марифатӣ бошад, пас асли дин бошад, аввалан эътиқод ба вуҷуди фавқуттабиа, ва сониян, тавассути ин эътиқод расидан ба камолоти ахлоқист. Ахлоқ бошад, амал ё муносибатест, ки дар он эҳтироми шахси дигар ба таври моддӣ ё маънавӣ ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, бояд хотирнишон сохт, ки дар Қуръон, ки аз аввал то ба охир ҳама ахлоқ аст, ифодаи «Оману ва амилуссолиҳоти» (Имон овардан ва амалҳои солеҳ

намуданд) такрор ба такрор ба чашм мерасад. Бинобар ин берун аз ин ду раванд-имон ё эътиқод ва ахлоқ чизи дигаре ҷустан дар дин онро аз асли хеш дур сохтан аст. Мин ҷумла аз худи оғоз ҳама гуна талошҳои ба дин ворид сохтани илм ба чӣ анчомида аст, ба ҳамагон махлум аст: ба пайдоиши равияю фирқаҳои зиёде, ки пайравони ҷараёни ғайрро ҳатто ба бединӣ муттаҳам месозанд (1, 104-152).

Дар масъалаи таносуби илм ва дин огоҳӣ ёфтан бо андешаи олими шинохтаи Эрон Муртазо Мутаҳҳарӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Ӯ навиштааст: «Роҳи илмии маҳз бар хилофи назарияи бисёре аз афрод муҳол аст битавонад Худоро ба инсон муаррифӣ кунад., яъне илм ба таври мустақим наметавонад Худоро ба инсон нишон бидиҳад, чаро? Чун кори илм ин аст, ки падидаҳои оламро ба инсон менамоёнад. Яъне шайъ бояд кӯчак бошад то илм битавонад онро нишон бидиҳад. Илм метавонад унсуре аз унсурҳои табиатро барои инсон кашф кунад. Илм метавонад барои инсон як сайёра дар манзумаи шамсӣ кашф ва пайдо кунад. Аммо илм ҳаргиз ба таври мустақим наметавонад Худоро ба инсон нишон бидиҳад (8, 40). Дар мавриди мазкур албатта ҳақ ба ҷониби устод Мутаҳҳарист. Ӯдар ҷои дигар таъкид сохтааст, ки « албатта сарсилсилаи умури ғайбӣ Худо аст. Баъд аз имон ба Худо имон ба соири мавҷудоти ғайбӣ (ва ба таъбири Қуръон: малоикаҳо) пайдо мешавад; эътиқод ба ваҳй, ки ғайби дигаре аст, пушти сари ин пайдо мешавад. Ва баъд эътиқод ба маод, ки ғайби дигавре аст, пайдо мешавад. Ҳамаи инҳо ғайб ва ниҳон аст» (8, 12).

Бояд гуфт, ки ҳамаи ин умури ғайбӣ асрори худованд мебошанд ва ҳақиқати воқеии онҳо ва бисёр дигар умурро ғайр аз Худо дигар ҳеҷ мавҷуде намедонад ва ҳама гуна кӯшишу талош баҳри маърифати онҳо беҳуда буда, танҳо сабаби пайдоиши ихтилофу тафриқа дар дин мегардаду бо он теша ба решаи дин хоҳад зад. Аз ин рӯ, чӣ роҳеро бояд пеш гирифт, ки дин асли хешро чун воситаи роҳнамои башарият нигоҳ дошта, мақому мартабаи хешро дар байни аҳли ҷомеа афзун созад?

Роҳи мазкурро эҳтимол хонандаи закӣ аз мӯҳтавои асосии мақолаи мазкур дарёфта бошад. Ба таври куллӣ хотиррасон менамоем, ки ин роҳ дар ҳукми ҳадиси расулуллоҳ (с.) «Ман издода илман ва ламяздад ҳудан, лам яздад миналлоҳи илло буъдан» ( яъне, шахсе бар илми худ афзуду, лек ҳидояташ беш нагардид, ӯ танҳо бар дурии худ аз худо афзудаасту халос) бисёр равшан инъикос ёфтааст.

Дар яке аз конфронсҳо яке аз идеологҳои ҲНИТ масъала гузошта буд, ки оё миллати мо имрӯз чун дар гузашта метавонад шахсиятҳоеро, чун Абӯҳанифаю ал-Бухорӣ дар хизмати олами ислом гузорад. Дар ин росто ман масъала гузоштаниям, ки чун миллати мо дар доираи фарҳанги исломии асрҳои миёна Ибни Синою Розӣ, Берунию Хоразмиро барои ҷаҳониён офарид, имрӯз чӣ бояд кард, ки чунин шахсиятҳои абадан дар тамоми ҷахон маъруф аз миллати мо бори дигар тавлид гарданд. Яъне, чун миллати тоҷик дар таърихи хеш ҳамчун миллати илмдӯсту фарҳангсоз барои ҷаҳониён муаррифӣ гардидааст, вай бояд бори дигар бо эҳё сохтани ин вазифаи хеш асолати аслии худро дарёбад. Чун уламои динии кишвари мо дар ҳама баҳсҳо ба нақши ислом дар рушди улуми дунявӣ дар асрҳои миёна ишора намуда, мақоми пешоҳанги онро нисбат ба Аврупо таъкид месозанд, рушди улуми дунявӣ бояд мағзи андешаи ҳам миллӣ ва ҳам динии ҷомеаи моро ташкил намояд. Вобаста ба андешаҳои баёнгардида хотиррасон намудани ҳадиси мазкури расули

акрам (с.) бисёр ба маврид аст: «Ал-илму аксару мин ан юҳсо, фахуз мин кули шайъин аҳсанаҳу-Илм зиёда аз он аст, ки ба шумор маҳдуд гардад ва аз ҳар як чиз беҳтаринаш бигир». Ҷои шубҳае нест, ки афзалияти улуми дунявиро воқеияти имрӯза амалан собит намудааст ва ин ҳақиқат ҷои баҳс ҳам нест.

Хулоса, имрӯз муассисоти таълими исломӣ, ба хусус уламои исломии ҷомеаи моро зарур аст, ки тамоми нерӯи худ ва шогирдони хешро на барои омӯхтани он масоиле, ки моҳиятан дастнорасанду аз таҳлилу муқоиса ва изҳори ақоиди уламои гузашта иборатанд, балки дар қатори дигар муассисаҳои таълимии кишвар барои такмил бахшидани ду ҷабҳаи дар боло зикр гардида-рушди улуми дақиқу расидан ба камолоти ахлоқӣ сафарбар намоянд, то дини ислом бад-ин васила созандагии хешро барои оламиён бори дигар собит созад.

**Адабиёт**


1. Абдуллоҳи Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. Душанбе. 2011.
2. Абулҳасан Алӣ ибни Исмоил Ашъарӣ. Ал-ибона ан усул-ид-диёна. (Ба забони арабӣ). Тунис. 1994.
3. Гегел Г. В. Ф. Философия религии. Т. 1. М.:1976. .
4. Имом Муҳаммад Ғаззолӣ. Мухтасари иҳёи улуми дин. /Тарҷимаи Муҳаммад Солеҳ Саидӣ. Интишороти Курдистон, чопи дуввум. (Ба хатти форсӣ). 1380.
5. Маркс К. К критике гегелевской философии права. Введение. К. Маркс и Ф Энгелс. Соч. Т. 1.
6. Муҳаммад Ғаззолӣ. Китоб-ул-арбаин. Теҳрон, 1381. (Ба хати форсӣ).
7. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Душанбе, 2010.
8. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Тавҳид. Теҳрон, 1388. (Ба хати форсӣ).
9. Тайлор Э. Первобытная культура/Пер. с англ. . М.:1989.
10. Умар Сулайман ал-Ашкар. Судьба и предопределение. (ал-қада вал қадар). Вступ. слово, перев, с араб. и прим. Э. Р. Кулиева. г. Реж. Свердловская обл. 2008г.
11. Плеханов Г. В. О так называемых религиозных исканиях в России // Избр. филос. произв. в 5 томах. Т. 3. М.:1957,


**АБДУЛХАЕВ К.**

## СУЩНОСТЬ РЕЛИГИОЗНОГО ОБУЧЕНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ: НЕОБХОДИМОСТЬ СЛОЖНОСТИ

Автор в своей статье основное внимание уделяет именно сущности религиозного обучения. В данном направлении он, подвергнув тщательному анализу учения и взгляды ряда широко известных мусульманских богословов Средневековья, и современных ученых, пришел к выводу, что исламские религиозные учения все еще находятся на средневековом уровне без всякой тенденции к прогрессу. Учитывая скорость развития естественных наук, потребности общества к ним, а также негативные последствия религиозного обучения в современном мире автор считает, религиозное обучение молодежи в нынешних условиях лишена всякой необходимости.

**Ключевые слова:** религия, наука, вера, познание, религиозные науки, необходимость, развитие.

**ABDULHAEV K.**

## THE ESSENCE OF THE RELIGIOUS TEACHING: NECESSITIES AND DIFFICULTIES

It is the sense of the religios teaching, that the author in his article pays main attension to it. In this direction, he having subjected opinions and teaching of some famous middle centuries and modern muslim religious scientists to serious analise, has come to conclusion, that Islamic religious teachings are still at the middle century level and is dispossessed any kind of progress. Taking into account the high speed of development of natural sciences, needs of society to it, todays level of religios psychology of young people, as well as negative consequences of religios teaching in contemporary world, the author considers the religious teaching of young people in todays situation to be lack of any necessities.

**Key words:** religion, science, faith, cognition, religious sciences, necessities, development.